ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология

Пандемияи COVID-19 ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳолати фавқулода гирифтор намуд. Сабабҳои ҳолати фавқулода дар он буд, ки беморӣ бори аввал дар байни аҳолии ҷаҳон паҳн шуд ва бо сабаби мавҷуд набудани масунияти организми одамон ва доругиҳо бар зидди барангезандаи он марговарӣ дар байни аҳолӣ хеле зиёд ба қайд гирифта шуд. Сабаби марги шумораи зиёди одамон дар он буд, ки вируси SARS-CoV-2 асосан ба воситаи эпителияҳои роҳҳои болоии нафас ба организми инсон ворид шуда, дар бофтаҳои узвҳои нафаскашӣ афзоиш меёбад. Вирус боиси илтиҳоби шушҳо ва ҷамъшавии моеъ дар алвеолаҳо гашта, дар натиҷаи он раванди мубодилаи газҳо вайрон мешавад ва дар организм норасогии оксиген ба вуҷуд меояд. Сабаби дигари вайроншавии вазифаи узвҳо ин аксуламали ситокинӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ситокинҳои зиёд (IL-6, IL-1β, хемокинҳо) ҷудо гашта, ба маҳалли илтиҳоб ҳуҷайраҳои масунӣ – нейтрофилҳо, монотситҳо ҷудо мегарданд, ки боиси иллати дубораи бофтаҳо мегарданд. Вирус инчунин ба эндотелияҳои рагҳои хунград таъсир расонида, илтиҳоби онҳоро ба вуҷуд оварда, гузариши деворaҳои рагҳоро зиёд мегардонад, ки ин ҳолат боиси вайроншавии раванди лахташавии хун мегардад. Вирус ба бофтаи дил таъсири манфӣ расонида, боиси вайроншавии фаъолияти он мегардад. Дар заминаи пастшавии масунияти организм флораи дуюминдараҷа пайваст шуда, боиси ташаккули сироятҳои бактериявӣ ва занбуруғӣ мегарданд, ки ба баландшавии нишондиҳандаҳои формулаи лейкотситарӣ оварда расонидааст. Ҳама ин ҳолатҳо ба ташаккули дистресс синдроми шадиди респираторӣ – ҳолате, ки шушҳо қобилияти бо оксиген таъмин намудани организмро гум мекунанд, оварда мерасонад.

Таҳқиқоти илмии муаллифи диссертатсия Азизӣ Нигора Насрулло замони авҷи бемории COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Муаллиф зимни таҳқиқоти илмӣ таъғйиротҳои таркиби газҳои хуни шараёниро муайян намудааст. Сатҳи фишори партсиалии оксиген дар хуни шараёнӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ба шумор меравад, ки он аз самаранокии фаъолияти шушҳо дарак медиҳад. Муаллифи таҳқиқоти илмӣ ташаккули атсидозро дар хун бо сабаби пастшавии миқдори оксиген ва баландшавии миқдори дуоксиди карбон дар беморон муайян намудааст.

Таҳқиқи системаи лахташавии хун муайян намудааст, ки дар беморони дараҷаи миёна ва вазнин баландшавии нишондиҳандаҳои лаборатории лахташавии хун ба вуҷуд меояд. Ҳолати мазкур хатари баланди ҳосилшавии тромбҳоро дар рагҳои шараёнӣ ба вуҷуд меорад.

Баландшавии нишондиҳандаҳои формулаи лейкотситарӣ аз пайвастшавии флораи дуюминдараҷа ва илтиҳоби шадиди бофтаҳо дарак медиҳад.

Муаллиф дар беморон нишондиҳандаҳои лабораторияи сафедаи С-реактивӣ ва интерлейкин-6 (IL-6) ро мавриди таҳқиқ қарор дода, баландшавии онҳоро дар хун муайян намудааст.

Таҳқиқот пастшавии миқдори электролитҳо - калтсий, калий ва натрийро муайян намудааст, ки ин ҳолат барои вайроншавии фаъолияти узвҳои ҳозима хос мебошад. Баландшавии нишондиҳандаҳои лабораторияи аминотрансферазаҳо (АлАТ ва АсАТ) ва билирубин аз вайроншавии фаъолияти ҷигар дарак медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқот барои соҳаҳои физиология, биохимияи тиббӣ ва тиб аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқоти илмӣ ба он асос меёбад, ки ба воситаи таҳқиқотҳои лабораторӣ муайян намудани таъғйиротҳои равандҳои физиологӣ ва биохимиявӣ имкон медиҳанд, ки онҳо сари вақт бартараф карда шуда, зарурияти ташхису таҳлилҳои такрориро аз байн бурда, сарфи маводи доругӣ ва марговариро байни беморонро кам намояд.

Мазмун, самтҳо ва натиҷаҳои бадастомада ба шаҳодатномаи ихтисоси 1.5.34. Физиология мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ таҳқиқоти илмии Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзӯъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи физиология одам
ва ҳайвоноти ДМТ Устоев Б.Р.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, Хиёбони Рудакӣ, 17
Тел: (+992 37) 221-62-25.
info@tnu.tj

Имзои Б.Р. Устоев-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«20» 11 2026с.